Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-001-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

**Тақриз**
**ба автореферати диссертатсияи Нуриддин Парвин Раймалихон "Ташаккул ва такмили сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ба буҳрони мураккабе дучор шуд, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро гирифт. Вазъи буҳронии Ҷумҳурии Тоҷикистон боисрор тағйири тамоми низоми арзишҳо ва ниҳодҳои амалкунанда, аз ҷумла, ташаккули сифатан нави сиёсати давлатии кадрҳоро талаб намуд. Сиёсати давлатии кадрҳо яке аз мавзуъҳои муҳимму меҳварии илмҳои сиёсӣ мебошад, ки аҳамияти илмию назариявӣ ва амалӣ дорад. Вобаста ба ин, муаллиф дарҷ менамояд, ки аҳамияти махсуси сиёсати давлатии кадрҳо дар таъсири он ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, хусусан иқтисод, иҷтимоиёт ва фарҳанг зоҳир мешавад. Сиёсати давлатии кадрҳо фақат бо ташаккули дастгоҳи давлатӣ маҳдуд намешавад. Он ба амалӣ намудани ҳадафҳои иҷтимоии рушди демократӣ, шаклгирии бозори мутамаддин, рушди иқтисодӣ ва инкишофи муассири давлат таъсири азим мерасонад. Мутаассифона, сиёсати давлатии кадрҳо на ҳама вақт ба талаботи замон ҷавобгӯ аст. Ихтилоф байни вазифаҳои рушди стратегии давлат ва сифати кадрҳои мақомоти ҳокимият ва идора ба рушди давлат таъсири манфӣ мерасонад (С. 43).

Давлат чун яке аз мафҳумҳои марказии илмҳои сиёсӣ дар як замон ҳам ба сифати иштирокчии идоракунии давлатӣ, маъмурӣ ва ҳам сиёсӣ баромад менамояд. Татбиқи муваффақонаи вазифаҳои сиёсии сиёсати давлатии

кадрҳо боиси баланд бардоштани самаранокии ҳокимияти сиёсӣ ва идоракунӣ мегардад. Чунонки муаллиф дар авторферати диссертатсия дарҷ менамояд, ки вақтҳои охир дар сиёсатшиносӣ масъалаи баррасии мафҳуми “сиёсати давлатии кадрҳо” аз дидгоҳи консепсияи сиёсӣ-ҳокимиятӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ки имкон медиҳад ҷанбаҳо ва вазифаҳои сиёсии сиёсати кадрҳо ошкор карда шавад. Аммо ҳангоми дучор шудан бо воқеияти ҳаёт чунин омилҳои сиёсӣ, мисли манфиатҳои сиёсӣ, захираҳои ҳокимият, қонуни оҳанини ҳокимони мутлақ ва ғайра дар канор мемонанд.

Баробар ба арзишҳои муҳимми илмию таҳқиқотӣ дар автореферати диссертатсия аз назари мо баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба чашм мерасанд:

— сиёсати давлатии кадрҳо мафҳуму истилоҳи на танҳо илмҳои сиёсӣ, балки дигар илмҳои ҷамъиятию гуманитарӣ мебошад. Дар авторферат пажӯҳиши мавзуи мазкур аз нигоҳи олимону коршиносони дигар илмҳои ҷамъиятию гуманитарӣ дарҷ нашудааст.

— дар баъзе саҳифаҳои автореферати диссертатсия мушкилоти имлоиву техникӣ ба чашм мерасанд, ки бартарфу ислоҳ кардани онҳо ба салоҳияти довталаби дараҷаи илмӣ мебошад.

Автореферати диссертатсия аз назари илмӣ дар сатҳи хуби таҳлилӣ ва андешаҳои муаллиф аз назари мантиқӣ дуруст таҳия гардида, натиҷаҳо ҷамъбандӣ ва хулосабарорӣ шудаанд. Хулосаҳои таҳлилӣ ва пешниҳодҳои мушаххаси муаллиф метавонанд дар таҳким ва такмили рушди низоми сиёсати давлатии кадрҳо истифода намуд.

Дар маҷмӯъ довталаби дараҷаи илмӣ автореферати диссертатсияро бо ҳуқуқи дастнавис, дар шакли чопӣ, ба забони давлатӣ ва русӣ ва ҳамзамон дар шакли саҳифабандишуда пешниҳод намудааст. Дар охири автореферат аннотатсияи диссертатсия ба забонҳои давлатӣ, русӣ ва англисӣ ҳар яке дар ҳаҷми як саҳифа оварда шудааст.

Автореферати диссертатсия тибқи Дастурамал дар бораи тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ва автореферутҳо ва банди 54 Тартиби мазкур ба расмият даровaрда шуда, он натиҷаҳои асосии диссертатсия, саҳми

муаллиф дар таҳқиқоти гузаронидашуда, дараҷаи навгонӣ, аҳамияти амалии таҳқиқоти анҷомёфта ва феҳристи асарҳои чопшудаи довталаби дараҷаи илмиро инъикос менамояд. Ҳаҷми автореферат барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм барои ихтисосҳои гуманитарӣ муқарраршуда, мувофиқ ҳаст.

Хулоса, автореферати диссертаисияи П. Р. Нуриддин ба Талабот оид ба барасмиятдарории диссертатсия ва автореферат, ки дар асоси қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми сентябри соли 2021, № 7 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

Доктори илмҳои фалсафа, дотсент, раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот

Фаттоҳзода Саидмурод Самад

Имзои С. С. Фаттоҳзодаро тасдиқ мекунам
мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
махсуси Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сафарзода Ф.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42.
Телефон (корӣ): (+992 37) 221 13 78.
E-mail: fattoev2007@mail.ru